# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09.- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия аз ҷиҳати моҳият ва мазмун ба шиносномаи ихтисоси 07.00.00-илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09.- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқат мекунад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар давраҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёна бе истифодаи сарчашмаҳои моддӣ, аз ҷумла сиккаҳо ғайриимкон мебошад. Сиккаҳо яке аз манбаъҳои боэътимоди илмӣ имкон медиҳанд, ки таърихи иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давраҳои гуногун дақиқтар шинохта шаванд. Дар ин замина, Осорхонаи миллии Тоҷикистон дар муқоиса бо дигар марказҳои илмии ҷумҳурӣ дар ҷамъоварӣ, таҳқик ва муаррифии сиккаҳои қадим нақши бештаре дорад. Ташаккули фонди нумизматии Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз нимаи дуюми солҳои 30-юми асри XX оғоз ёфта, дар замони Истиқлол микдори онҳо ба зиёда аз 21 ҳазор расидааст. Ин теъдоди муҳимми сиккаҳо, ки ҳам намунаҳои алоҳида ва ҳам ганҷинаҳоро дар бар мегиранд, дорои арзиши баланди илмӣ ва

фарҳангӣ мебошанд. Сиккаҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёна, ки дар фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон маҳфузанд, аз муҳимтарин сарчашмаҳои таърихӣ роҷеъ ба муомилоти пулӣ дар қаламрави Бохтари Шимолӣ ва Тахористон маҳсуб меёбанд. Сиккаҳои мазкур таърихи ташаккул ва рушди низоми пулиро дар минтақа дар марҳалаҳои гуногун инъикос менамоянд. Таҳлили сиккаҳо имкон медиҳад, ки маълумоти муфассал оид ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа дар давраҳои гуногун ба даст оварда шавад. Дар асоси сиккаҳои фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон масоили шомилшавии Бохтар ба ҳайати Ҳахоманишиҳо, забткориҳои юнону мақдуниён, пайвастан ба давлатҳои Селевкиён, Юнону Бохтар, Кушониён ва Сосониён мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Сиккаҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёна дар таҳқиқи муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва робитаҳои байналмилалии давлатҳои аҳди бостон ва ибтидои асрҳои миёнаи Осиёи Марказӣ ҳамчун манбаи муътамад маҳсуб меёбанд. Андоза, вазн, тасвирҳои шоҳону эзадон, навиштаҷот ва дигар аломатҳои дар сиккаҳо дарҷ гардида, ҳамчун манбаи муҳим дар омӯзиши таърихи гузаштаи тоҷикон нақши бориз доранд. Сиккашиносӣ имкон медиҳад, ки бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои таърихӣ амиқтар мавриди таҳлил қарор дода шаванд. Аз ин ҷост, ки таҳқиқ ва тафсири ҳамаҷонибаи сиккаҳо барои шинохти амиқи таърихи халқи тоҷик муҳим буда, аҳаммияти илмии мавзуи мазкурро тақвият мебахшад.

**Мубрамии интихоби мавзуи мазкур боз дар он зоҳир меёбад:**

- Мавҷудияти фонди бойи Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ки зиёда аз 21 000 сиккаи таърихиро фаро гирифта, қисмате аз онҳо ба давраҳои хеле қадим мансуб мебошанд ва арзиши баланди илмӣ доранд;

- Сиккаҳо сарчашмаи мустақим ва муътамади илмӣ маълумотро на аз нуқтаи назари пажӯҳишгарон, балки бевосита аз замони мавҷудияти худ бозгуӣ намуда, аз рӯи онҳо метавон идоракунии давлат, сулолаҳо, тағйироти сиёсӣ ва муносиботи байниминтақавиро мавриди омӯзиш карор дод;
- Сиккаҳои аҳди қадим ва ибтидои асрмиёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон низоми молиявӣ, муомилоти пулӣ ва молу мулкӣ, гардиши иқтисодӣ, ҷанбаҳои фарҳангӣ ва идеологӣ, забон, алифбо ва дигар бахшҳои давлатдории тоҷиконро дар аҳди кадим ва ибтидои асрҳои миёна инъикос менамоянд.
- Ганҷинаҳои калон ва сиккаҳое, ки дар ковишҳои бостоншиносӣ аз ёдгориҳо ба даст омадаанд, дар муқоиса бо сиккаҳои ҷудогона афзалияти бештар дошта, онҳо иттилооти бештар ва ҳамаҷонибаро фароҳам меоранд ва дар асоси онҳо ҳаёти иқтисодӣ ва сиёсии давраҳои гуногуни аҳди антиқа ва ибтидои асрҳои миёна мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.
- Диссертатсия мазкури аз муҳимтарин таҳқиқоти алоҳида дар бахши сиккашиносии осорхонавӣ буда, он фарогири иттилооти нави илмие мебошад, ки он дар натиҷаи таҳқиқи маводи нумизматии то ҳол ба таври комил таҳқиқнашуда ва муқоисаи бо дигар мавод ба даст омадааст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он бори нахуст дар асоси фонди сиккаҳои аҳди кадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон мавриди пажуҳиш ва баррасӣ қарор гирифта, натиҷаи омӯзиши он дар хулосаҳои зерин рӯйи кор оварда шудааст:

- Фонди нумизматии Осорхонаи милли Тоҷикистон бо се роҳ - харидорӣ, ҳафриёти бостоншиносӣ ва қабули сиккаҳои ҳадяшуда

ташаккул ёфта, то охири давраи хронологии диссертатсия 2780 сикка ҷамъоварӣ шудааст;

- Фонди сиккаҳои аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз рӯи санагузорӣ гурӯҳбандӣ гардида, ба давраҳои ҳахоманишӣ, юнонӣ, селевкӣ, юнонӣ-ҳиндуӣ, римӣ, юнонӣ-бохтарӣ, кушонӣ, кушонӣ-сосонӣ ва сосонӣ марбут дониста шуданд;
- Таҳқиқи фонди сиккаҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон нишон дод, ки сиккаҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёна асосан аз ёдгориҳои бостонии водии Вахш, аз ҷумла Ғаравқалъаи ноҳияи Ёвон, шаҳраки Сайёди ноҳияи А. Ҷомӣ ва Ҳалқачари ноҳияи Хуросон, инчунин Чимқӯрғони ноҳияи Шаҳринав кашф ва ҷамъоварӣ гаридаанд;
- Дар натиҷаи таҳқиқи мавзуи диссертатсия муайян карда шуд, ки дар фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон як навъ сиккаи ҳахоманишӣ, чор навъ сиккаи юнонӣ, як навъ сиккаи селевкӣ, шаш навъ сиккаи Юнону Бохтар, ду навъ сиккаи ашконӣ, шаш навъ сиккаи кушонӣ, ду навъ сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва ду навъ сиккаҳои сосонӣ маҳфуз мебошанд.
- Дар натиҷаи таҳқиқи сиккаҳои аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон вазни сикли сиккаҳои ҳахоманишӣ, статери юнонӣ, тетрадрахмаҳои Юнону Бохтарӣ, халкҳои Юнону Бохтарӣ, оболҳои Юнону Бохтарӣ, драхмаҳои ашконӣ, динорҳои кушонӣ, тетрадрахмаҳои нуқрагии кушонӣ, тетрадрахмаҳои мисии кушонӣ, драхмаҳои мисии кушонӣ, оболҳои кушонӣ, драхмаҳои мисии кушонӣ-сосонӣ ва дирҳамҳои сосонӣ муайян гардидааст;
- Муайян гардид, ки муомилоти пулӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон на дар асри III пеш аз милод, балки аз асрҳои VI–IV пеш

аз милод дар замони Ҳахоманишиён оғоз ёфта, дар давраи юнону макдунӣ ва Селевкиён рушд ёфтааст. Ин раванд дар аҳди Юнону Бохтар, махсусан замони Евтидем I, боз ҳам вусъат пайдо карда, дар аҳди Кушониён ба авҷи баланди худ расидааст;

- Дар раванди таҳқиқи сиккаҳои аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон ошкор карда шуд, ки се навъи сикка: сиккаи Панталион (шоҳи юнонӣ-ҳиндӣ), сиккаи Куҷула Кадфиз ва драхмаи Вима Кадфиз мебошанд, инчунин ганҷинаи калони сиккаҳои юнонӣ-бохтарӣ, ки соли 1996 аз минтақаи Кӯлоби Тоҷикистон ёфт шуда, ба Покистон интиқол ёфта, аз ҷониби сиккашиноси маъруф О. Бопеараччи таҳқиқ ва нашр шудаанд, ба доираи илми сиккашиносии Тоҷикистон ворид карда шудаанд;

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки он бори аввал дар таърихнигории ватанӣ мавзуи марбут ба сиккаҳои аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёнаи фонди як муассиссаи илмӣ ва фарҳангӣ ба таври системавӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар шакли мукаммал масъалаҳои таърихи давлатдории тоҷиконро дар аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна дар асоси сиккаҳои фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар диссертатсия назар ва андешаҳои пажӯҳишгарони мухталиф роҷеъ ба омӯзиш ва таҳқиқи минбаъдаи сиккаҳои аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна ҷамъоварӣ гардидааст. Натиҷаи ин омӯзиш ва пажӯҳиш дар хулосаҳои диссертант таҷассум ёфтаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта:**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба як қатор омилҳои муҳим вобаста аст. Эътимоднокии баланди маълумоти пешниҳодгардидаи рисола пеш аз ҳама дар истифодаи сарчашмаҳои мустақим ва аввалиндараҷа, яъне сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои

миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон таъмин мегардад. Сиккаҳо далели муътамад, манбаи боэътимоди таърихӣ маҳсуб ёфта, таҳлили дақиқи онҳо имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни таърихӣ бо факту далел баррасӣ шаванд. Инчунин ҳаҷми маводди пажӯҳиш, яъне сиккаҳо, ки фарогирии беш аз 21 ҳазор адад мебошанд, заминаи устувор барои таҳқиқоти ҳамаҷониба мебошанд. Дар баробари ин, таҳлили муқоисавии маълумоти нав бо натиҷаҳои таҳқиқоти қаблӣ ва мавҷуда, инчунин саҳми муаллиф, таҳқиқ ва таҳлили мавод ва хулосабарории нав, самаранокии равиши илмии таҳқиқотро нишон медиҳад. Ҳамаи омилҳои зикргардида, боиси баланд гардидани дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва аҳаммияти илмии диссертатсия мегарданд, ки метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи таърихӣ ҳамчун заминаи боэътимод хизмат намоянд.

**Аҳаммияти назариявӣ таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки омӯзиши сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки равандҳои сиккасозӣ ва муомилоти пулӣ дар ҳудуди Бохтари Қадим ва Тахористон аз давраи Ҳахоманишиҳо то оғози ҳукмронии Сосониён ба таври ҳамаҷониба таҳлил шаванд. Дар ҷараёни таҳқиқ маълумоти нав ва боэътимоди илмӣ ҷамъоварӣ гардид, ки барои шинохти сохтори иқтисодӣ, сиёсӣ ва низоми молиявии давраҳои аҳди қадим ва ибтидои асрҳои миёна муҳим арзёбӣ карда шавад. Натиҷаи таҳқиқот на танҳо фазои илмии соҳаи сиккашиносии тоҷикро ғанӣ мегардонанд, балки метавонанд ҳамчун заминаи боэътимод барои таҳқиқоти минбаъда дар мавзуъҳои марбут ба сиккашиносӣ ва муносибатҳои тиҷоратӣ ва молу мулкии Осиёи Марказӣ хидмат кунанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз 181 саҳифаи матни компютерӣ, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт бо 247 номгӯй ва 1 феҳристи замимашуда (дар ҳаҷми 454 саҳифа) иборат аст.

**Таҳлили қисми муқаддамотӣ ва тавсифи умумии рисола**:

Муқаддимаи диссертатсия аз бандҳои мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, марҳала, макон ва давраи таҳқиқот, асоси назариявӣ - методологӣ, пойгоҳи сарчашмавии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтори диссертатсия таркиб ёфта, мувофиқи талабот иҷро гардидааст.

**Боби якум: «Таърихи ташаккули фонди сикккаҳои қадим ва ибтидои асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон»** унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби аввал бо унвони **«Аз таърихи ташаккули сиккашиносӣ дар Тоҷикистон»** ба пайдоиш ва рушди сиккашиносӣ дар кишвар бахшида шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки ҷамъоварӣ ва омӯзиши сиккаҳо нисбат ба пайдоиши нахустин сиккаҳо дертар, танҳо дар асри XIX оғоз ёфт. Кашфи Хазинаи Амударё соли 1877 дар Қубодиён ба таҳқиқоти сиккашиносӣ такони ҷиддӣ бахшид, зеро сиккаҳои он аввалин намунаҳои ёфтшуда аз қаламрави имрӯзаи Тоҷикистон буданд. Таҳқиқоти густурда ва системавӣ ба давраи Иттиҳоди Шуравӣ рост меояд, махсусан бо оғози экспедитсияҳои бостоншиносӣ ва ҳафриёти Панҷакенти Қадим аз соли 1946. То замони Истиқлол, саҳми асосӣ дар омӯзиши сиккаҳои қадими Тоҷикистонро муҳаққиқони маъруф

— М.Е. Массон, О. Смирнова, Н. Забелина, Е.А. Давидович, Е.В. Зеймал ва Д. Довутов гузоштаанд. Сиккашиносии Тоҷикистон дар натиҷаи дастгириҳои давлатии даврони Истиқлол рушду нуму карда, акнун илова бар Д. Довутов дар таҳқиқи таърихи сикказанӣ ва низоми пулии халқи тоҷик муҳаққиқони насли нав - А.Қ. Шарифзода, С. Сафоев, Ф. Сафоев, М. Каримдодзода ва А.А. Шарифзода саҳмгузор шуда, ин раванд бо натиҷаҳои хуб идома дорад;

Дар зербоби дуюми боби якуми рисола, ки бо номи «**Нақши комиссияи фондӣ дар такмили фонди нумизматии Осорхонаи миллии Тоҷикистон**» омадааст, масъалаҳои марбут ба осорхонакунонии сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёна мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф ба таври муфассал равандҳои ворид шудани аввалин сиккаҳо ба фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон, ҷойҳои пайдоиш (топография) ва роҳҳои дарёфти онҳоро дар асоси асноди бойгонӣ ва манбаъҳои илмӣ таҳлил намудааст.

Дар рисола таъкид мегардад, ки давраи ташаккул ва густариши фонди сиккаҳои қадим ва аввали асрҳои миёнаи Осорхонаи миллии Тоҷикистон асосан ба замони Истиқлоли давлатӣ рост меояд. Дар ин давра, бо такмили заминаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии фаъолияти осорхонаҳо ва ҳамзамон, ҷалби мутахассисони соҳаи сиккашиносӣ ба корҳои илмӣ ва таҳқиқотӣ, фаъолияти нумизматии Осорхонаи миллӣ ба марҳалаи сифатан нав ворид мегардад.

Зербоби сеюми боби якуми рисола, ки бо унвони «**Экспедитсияҳои бостоншиносӣ ва рисолати онҳо дар ғанигардонии фонди нумизматии Осорхонаи миллии Тоҷикистон**» таҳия гардидааст, ба нақши муҳимми ҳафриёти бостоншиносӣ дар такмили фонди нумизматии Осорхонаи миллии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф бо далелҳои илмӣ нишон медиҳад, ки ташкили экспедитсияҳои бостоншиносӣ яке аз роҳҳои асосӣ ва боэътимоди ғанигардонии фонди осорхонаҳо ба шумор меравад.

Бар хилофи усулҳои анъанавии ҷамъоварии ашё ва коллексияҳо тавассути харид ё эҳдо, кашфи сиккаҳо дар ҷараёни ҳафриёти бостоншиносӣ арзиши илмии бештар доранд. Аввалан, сиккае, ки дар ҷараёни ҳафриёт ёфт мегардад, ҳамчун сарчашмаи воқеӣ ва боэътимод арзёбӣ мешавад. Инчунин, маълумоти дақиқ дар бораи ҷойи пайдоиш, қабатҳои маданӣ ва ёдгории таърихие, ки сикка аз он кашф шудааст, дастрас мегардад. Ва ниҳоят, таҳлили чунин сиккаҳо имкон медиҳад, ки замони ташаккули қабатҳои мадании ёдгориҳои бостонӣ дақиқ муайян карда шавад, зеро худи сикка ҳуҷҷати таърихии мустанад ба шумор меравад.

Боби дуюми диссертатсия **«Таснифи қадимтарин сиккаҳои Осорхонаи миллии Тоҷикистон»** аз ду зербоб иборт аст. Зербоби якуми боби дуюми диссертатсия **«Сиккаҳои Ҳахоманишию Юнонӣ ва ташаккули муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна»** мебошад, ки ба омӯзиши сиккаҳои Ҳахоманишию Юнонӣ ва ташаккули муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна бахшида шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки қадимтарин сиккаи ёфтшуда дар Тоҷикистон — сиглоси лидиягӣ-крезӣ аз Кӯлоб буда, муомилоти пулӣ дар минтақа то ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ вуҷуд доштааст. Дар давраи баъдӣ, махсусан дар аҳди Селевкиён ва Юнону Бохтарӣ, зарробхонаҳои маҳаллӣ ташаккул ёфта, равобити иқтисодӣ рушд ёфтанд. Ба андешаи муаллиф, оғози муомилоти пулии воқеӣ ба давраи ҳукмронии Дорои I мансуб мебошад.

Зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия **«Вижагиҳои сиккаҳои юнонӣ-бохтарии Осорхонаи миллии Тоҷикистон»** ба таҳлили нақши ин сиккаҳо дар муомилоти пулӣ ва тиҷорати Бохтари Қадим бахшида шудааст. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки дар асрҳои III–I пеш аз мелод сиккаҳои юнонӣ-бохтарӣ дар паҳнои Осиёи Миёна, аз ҷумла Тоҷикистон, дар муомилоти дохилӣ ва хориҷӣ нақши муҳим доштанд. Агарчи баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Е. В. Зеймал, андеша дошт, ки онҳо бештар ҳамчун ганҷина нигоҳдорӣ мешуданд, кашфи зиёди чунин сиккаҳо дар солҳои

охир гувоҳи истифодаи васеи онҳо дар муомилоти рӯзмарраи давраи ҳукумронии шоҳҳони Юнону Бохтар мебошад.

Боби сеюми диссертатсия «**Аҳаммияти сарчашмавии сиккаҳои кушонӣ ва сосонии Осорхонаи миллии Тоҷикистон**» аз ду зербоби алоҳида иборат мебошад. Зербоби якуми боби сеюм «**Авҷи сикказанӣ ва муомилоти пулии шимоли Бохтар-Тахористон дар асрҳои II пеш аз милод – III милодӣ**» ба таҳлили нақши Ашкониён ва Кушониён дар рушди муомилоти пулӣ ва тиҷорат бахшида шудааст. Дар Осорхонаи миллии Тоҷикистон се сиккаи ашконӣ ҳифз гардида, дутои он ба шоҳи Фарҳоди IV ва яке ба Меҳрдод тааллуқ доранд. Таҳлили сиккаҳои кушонӣ нишон медиҳад, ки авҷи тараққиёти пулӣ ва тиҷорат ба давраи Кушониён рост меояд. Шоҳони кушонӣ аввал дар пайравӣ ба Юнону Бохтар сикка баровардаанд, вале бо ҳукмронии Ҳерай ва баъдан Вима Такту ва Канишкаи Кабир муомилоти пулӣ ба баландтарин сатҳ мерасад ва дар минтақаи Осиёи Миёна ва Роҳи бузурги абрешим нақши муҳим мебозад.

Зербоби дуюми боби сеюм **«Сиккаҳои кушонӣ-сосонӣ ва сосонии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ»** ба таҳлили равандҳои муомилоти пулӣ дар охири асри III ва аввали асри IV мелодӣ бахшида шудааст. Бо заиф шудани давлати Кушониён, ду навъи нави сикка — кушонӣ-сосонӣ ва сосонӣ-кушонӣ ба муомилоти пулӣ ворид карда мешаванд. Сосониён барои нигоҳ доштани назми сиёсӣ ва иқтисодӣ дар қаламрави собиқ Кушониён ҳокимони маҳаллӣ таъйин намуда, онҳоро «Кушоншоҳ» меномиданд. Воридшавии драхмаҳои Сосонӣ ва сиккаҳои маҳаллӣ дар асри IV оғози марҳалаи нави муомилоти пулӣ дар Тахористони Шимолӣ ба шумор меравад.

**Хулосаи диссертатсияи** довталаби дараҷаи илмӣ ба талаботи ҷамъбастии корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, дар он натиҷаҳои таҳқиқот ба таври мушаххас баён гардидаанд. Феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи

адабиёти зарурии илмӣ буда, микдори сарчашмаҳо, адабиёти истифодагардида 247 ададро ташкил менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон ба талаботи тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати дисертатсияи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ аст. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари дастовардҳо дар диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон баъзе камбудиҳо ҳам ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар таҳқиқи минбаъдаи мавзуъ ба манфиати кор аст:

1. Мувофиқи андешаи муаррихон таърихи асрҳои миёнаи дар Осиёи Миёна аз замони ҳукумати Ҳайтолиён шуруъ мешавад. Аммо дар диссертатсия дар мавриди муомилоти пулии Ҳайтолиён ягон маълумот дарҷ нагардидааст.

2. Чи тавре ки аз диссертатсия бармеояд дар таркиби фонди осорхона ҳамагӣ як сиккаи ҳахоманишӣ ва ва чор сиккаи юнонӣ нигаҳдорӣ мешаванд, аммо муаллифи рисола ба шарҳи таърихии барориши сиккаҳо ва муомилоти пулии онҳо бештар таваҷҷуҳ кардааст, ки ин масъала аз мавзуи таҳқиқоти ӯ каме дур аст.

3. Дар рисола воридшавии сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагӣ ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон аз рӯйи хронология оварда шудааст. Аммо дар диссератсия дар мавриди воридшавии сиккаҳои қадим ва аввали асрмиёнагӣ дар соли 2025 ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон ягон маълумот дарҷ нагардидааст.

4. Дар рисола баъзе камбудиҳои ҷузъӣ, ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешавад.

Аммо эродҳои зикргардида ба арзиши илмии диссертатсия халал ворид накарда, ислоҳшаванда мебошанд.

Мақолаҳое, ки диссертант аз рӯйи мавзуи таҳқиқшаванда нашр кардидааст, фарогири муҳтаво ва мазмуни асосии диссертатсия мебошад. Диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09.- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) комилан мувофиқат менамояд.

Хулоса, диссертатсияи Каримдодзода Миралӣ Замон дар мавзуи «Сиккаҳои қадим ва аввали асримиёнагии Осорхонаи миллии Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи таърихӣ (а. V п.м. – V м.)», ки дар асоси фонди Осорхонаи миллии Тоҷикистон навишта шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.09.- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои таърих,
декани факултети таърихи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муродов Н.С.

«Тасдиқ мекунам»:
сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ
«20» 11 2025 Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс:
227-15-10 E-mail: info@tnu.ti
«20» ноябри соли 2025.